# 5.1 (12.00.00)ПРАВО
# 5.1 ҲУҚУҚ
# 5.1 LAW

## 5.1.1(12.00.01)Теоретико-исторические правовые науки
## 5.1.1 Илмҳои назариявӣ-таърихии ҳуқуқӣ
## 5.1.1 Theoretico-Historical-Legal Sciences

***УДК 341***
***DOI 10.24412/2411-1945-2022-3-5-11***

***НАЗАРЕ БА МУАММОИ РОБИТАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУТАҚОБИЛАИ НИЗОМҲОИ ҲУҚУҚИ МИЛЛИИ КИШВАРҲО ВА ТАТБИҚИ ҲУҚУҚИ ХОРИҶӢ: ТАҲЛИЛИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВИИ МАСЪАЛА***

***Солиев Иброҳимхӯҷа Муродович,***
*н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***О ПРОБЛЕМЕ МЕЖДУНАРОДНОЙ ВЗАИМОСВЯЗИ НАЦИОНАЛЬНЫХ ПРАВОВЫХ СИСТЕМ И ПРИМЕНЕНИЯ ИНОСТРАННОГО ПРАВА: НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ВОПРОСА***

***Солиев Иброхимхуджа Муродович,***
*канд.юрид.наук, доцент, зав.кафедрой судебного права и прокурорского надзора юридического факультета ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

***ON THE PROBLEM OF INTERNATIONAL MUTUAL TIES BETWEEN NATIONAL LAW SYSTEMS AND APPLICATION OF FOREIGN LAW : SCIENTIFICO-THEORETICAL ANALYSIS OF THE ISSUE IN QUESTION***

***Soliyev Ibrokhimkhudja Murodovich,*** *candidate of juridical sciences, Associate Professor, head of the department of forensic law and prosecutor`s supervision under the faculty of law of TSULBP (Tajikistan, Khujand) E – MAIL: sim.78@mail.ru*

***Калидвожаҳо**: ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ, ҳуқуқи хориҷӣ, унсури хориҷӣ, татбиқи ҳуқуқ, робита, низоми ҳуқуқӣ, муносибати мутақобила, афкори ҳуқуқӣ, таълимоти юридикӣ*

*Масъалаи назарияҳои муноситабҳои мутақобилаи низоми ҳуқуқи миллии кишварҳо ва татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ баррасӣ шудааст. Доираи васеи сарчашмаҳои юридикӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, дар ин асос ба муаммои муносибатҳои мутақобилаи байналмилалии низоми ҳуқуқи миллии давлат ва татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ рӯшанӣ андохта шудааст. Таҳқиқи масъала имкон додааст, ки хулосаҳои мушаххас бароварда шаванд. Аз ҷумла, муносибатҳои мутақобилаи байналмилалии низомҳои ҳуқуқии давлатҳо дар доираи ҳуқуқи «дохилидавлатӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифтани ҷанбаи мусбати масъала ба шумор меравад. Камбудии назарияҳои мавриди баррасӣ дар он аст, ки ҳуқуқ табиатан хориқаи табиӣ нест. Ба сифати унсури хусусияти юридикӣ дошта ҳуқуқ наметавонад ба предметҳои олами моддӣ вобаста карда шавад.*

**Ключевые слова:** *международное частное право, иностранное право, иностранный элемент, применение права, правовая система, взаимодействие, правовая мысль, правовая доктрина*

*Рассмотрены вопросы, касающиеся международного взаимодействия национальных*

*правовых систем государств и применения иностранного права. Проанализирован широкий круг юридической литературы, на этом основании проведен анализ международного взаимодействия национальных правовых систем государств и применения иностранного права. Исследование вопроса дало возможность прийти к конкретным выводам. В частности, положительным моментом является то, что международное взаимодействие национальных правовых систем государств рассмотрено в рамках внутреннего права государств. Недостатком рассматриваемых теорий является то, что по своей природе право не является природным феноменом. Будучи элементом юридического характера, право не может быть прикреплено к предметам материального мира.*

**Key-words:** *international private law, foreign law, foreign element, application of law, law system, interaction, law idea, law doctrine*

*The article dwells on the issues coneerning international interaction of national law systems of states and application of foreign law. The author has analyzed a large amount of juridical literature; proceeding from the contents of the latter, he has conducted a research of international interaction of national law systems referring to different states and application of foreign law. The research afforded to come to concrete conclusions. In particular, a positive moment lies in international interaction between national law systems being considered in the frames of states. The drawback of the theories canvassed is the fact that by its nature law is no natural phenomenon. Being an element of juridical slant law can't be attached to the objects of the material world.*

Дар тӯли қариб ҳашт асри ташаккули афкори ҳуқуқӣ масъалаи муносибати мутақобилаи низомҳои ҳуқуқии давлатҳо ҳамагӣ ду маротиба мавзӯи таваҷҷуҳи афкори юридикӣ гардидааст: дар оғози асри XII ва дар нимаи дуюми асри XX. Дар давраҳои байни ин асрҳо, доктрина воқеӣ будани мавҷудияти ҳуқуқи хориҷиро бе ҳеҷ шакку шубҳа эътироф мекард [7, с.128-130].

Зимнан, илми ҳуқуқшиносӣ ба шарҳи ин ҳолат таваҷҷуҳи кофӣ надодааст. Мавҷудияти объективии низомҳои мухталифи ҳуқуқии миллиро дар арсаи байналмилалӣ таълимоти юридикӣ чун факти эмперикие мепазируфт ба мудаллалсозии махсус эҳтиёҷ надорад. Лекин дар илм усули эмперикӣ нокифоя мебошад. Ин нокифоягориро «мактаби Йел», ки дар мобайни асри XX бо асосҳои назариявии инкоркунандаи воқеияти ҳуқуқи хориҷӣ баромад намуд, ошкор сохт. Табиист, ки ба мудаллалсозиҳои мазкур на мушоҳидаҳои эмперикӣ, балки асосҳои назариявӣ бояд муқобил гузошта шаванд. Дар иртибот бо гуфтаҳои боло, алҳол зарурати бори дигар муроҷиат кардан ба лаҳзае фаро расидааст, ки доктрина бори аввал воқеият ё объективияти мавҷудияти низомҳои ҳуқуқиро зикр карда буд.

Дар ин кор саҳми глоссатор Хуголин ва ҳамкорони вай, ки дар охири асри XII дар Италияи Шимолӣ кору фаъолият бурдаанд, хусусан муаллифи «Глоссаҳои Аккурсий» (с. 1228) – маҷмӯаи глоссаҳо, ки маъруфияти худро марбутан ба номи глоссатор Франсиск Аккурсий ба даст овардааст, хеле калон аст. «Глоссаҳои Аккурсий» тасодуфан нуқтаи оғози муҳокимарониҳои муаллифони сершумор нагардидааст. Принсипи асарҳои глоссаторон дар тӯли ҳашт асри оянда ба ҳайси такягоҳи афкори ҳуқуқии олимон хизмат кардааст.

Бо вуҷуди ихтилофоти байни ҷараёнҳою мактабҳои мухталиф ва муаллифони алоҳида, ҳамаи онҳо аз он нуқта бармеомаданд, ки байни низомҳои ҳуқуқии миллии барои ҳамдигар объективан мавҷуда муносибатҳои мутақобилаи байналмилалӣ амалӣ мегардад. Чунин тезис ҳатто дар асри XY, дар давраи сар задани бухрон дар муносибатҳои байни давлатҳо мавриди шакку шубҳа қарор нагирифта буд.

Танҳо баъди ду ҷанги ҷаҳонӣ дар асри XX ба арсаи музокираҳои илмӣ ҷонибдорони «мактаби Йел» [4] баромаданд, ки хулосаҳои онҳо ба мавҷудияти низомҳои миллии ҳуқуқӣ асос меёфт.

Афкори намояндагони ин мактаб дар адабиёти илмӣ бо номи «назарияи ҳуқуқи маҳаллӣ» маъруфият пайдо намуд. Чунин номгузори метавонад хонандаро ба гумроҳӣ барад. Моҳиятан, таъкид мекунад А.А. Рубанов, он бояд "назарияи ҳуқуқи байналмилалӣ" номгузорӣ гардад [6, с.7-8].

Таълимоти «мактаби Йел» се муқаррароти асосиро дар бар мегирад: Якум, инкор кардани хусусияти объективии низоми ҳуқуқии кишвари хориҷӣ. Тибқи таълимоти ин мактаб ба таври объективӣ танҳо низоми ҳуқуқии кишвари худ вуҷуд дорад. Ҳамаи дигар низомҳои ҳуқуқӣ барои мактаби мазкур категорияи субъективӣ ба шумор меравад.

Роҳбари «мактаби Йел» В. Кук дар масъалаи фаҳмиши моҳияти ҳуқуқ ҷонибдори назарияе мебошад, ки онро дар илми амрикоӣ "реалистон" дастгирӣ мекунанд. Тибқи таълимоти реалистон, ҳуқуқ на маҷмӯаи қоидаҳои рафтор, балки пешгӯии тарзи рафтори суд мебошад.

«Реалистон» аз чунин мавқеъ муаммоҳои соф дохилиро баррасӣ мекунанд. В.Кук бошад ин консепсияро ба соҳаи байналмилалӣ мекӯчонад, ки ба он комилан тобиши нав медиҳад. Бо «реалистон» ҳамқадам шуда В. Кук таъкид намудааст, ки ҳуқуқи хориҷӣ низ моҳиятан «пешгӯӣ» мебошад. Лекин, агар дар «реалистон» зери «пешгӯӣ» муҳокима доир ба ҳуқуқи кишвари худ дар назар дошта шавад, В.Кук зери ин истилоҳ «пешгӯӣ»-еро дар назар дорад, ки аз як кишвар бар меояд ва ба кишвари дигар марбут аст.

Табиист, ки «пешгӯӣ» фарзия дар бораи амалҳои дар оянда содир гарданда, яъне категорияи моҳиятан субъективӣ мебошад. Аз ин сабаб шарҳи ҳуқуқи хориҷӣ чун «пешгӯӣ» онро ба категорияи субъективӣ мубаддал мегардонад.

Нуктаи дуюме, ки онро «мактаби Йел» ҷонибдорӣ мекунад, тезис дар бораи низоми ҳуқуқи миллӣ чун танзимгари байналмилалӣ мебошад. В.Кук таъкид менамояд, ки низоми ҳуқуқи миллӣ усулан ба ҳайси танзимкунандаи ҳамаи муносибатҳои иҷтимоӣ дар тамоми гӯшаҳои ҷаҳон мебошад. Моҳиятан муқарраран севуми «мактаби Йел» инкор намудани падидаи муносибати мутақобилаи байналмилалӣ аст. Ҷонибдорони ин ақида чунин меҳисобанд: мавридҳое, ки онҳоро аҳли илм чун робитаи байналмилалӣ эътироф мекунанд, дар ҳақиқат шакли махсуси фаъолияти инфиродии як низоми ҳуқуқи миллӣ мебошад. Ин мактаб ҷонибдори ақидаи «муносибати мутақобилаи низоми бо худии худ» мебошад [3, с.117].

В. Кук аз принсипе бар меомад, ки тибқи он ба меъёри ҳуқуқи хориҷӣ ҳеҷ вақт эътибори ҳуқуқӣ дода намешавад. Аз ҷумла, вай қайд намудааст, ки суд доимо ҳуқуқи кишвари хешро татбиқ менамояд. Мавридҳои муносибатҳои мутақобилаи байналмилалиро ӯ чунин шарҳ медиҳад: суд қоидаҳои рафтореро чун меъёри ҳуқуқи кишвари худ қабул менамояд, ки ба қоидаи рафтори дар низоми ҳуқуқи давлат ё мамлакатҳои дигар ёфт шуда мутобиқат дорад ё ақалан аз лиҳози ҳаҷм ба дараҷаи олӣ шабоҳат дорад. Аз он сабаб, ки қоидаи рафтори ҳуқуқи кишвари хориҷӣ барои В.Кук падидаи объективӣ набуда, танҳо «пешгӯӣ» мебошад, моҳиятан сухан дар бораи аз тарафи суд тарҳрезӣ намудани қоида дар асоси муҳокимаронии бевостаи худ меравад.

«Мактаби Йел» куллан принсипи умдаро, ки афкори ҳуқуқӣ дар тӯли асрҳо дар мавриди таҳқиқи робитаҳои мутақобилаи байналмилалии низомҳои ҳуқуқии миллӣ ба он такя мекард, рад мекунад. Баъзе аз муқаррароти он ба олимоне низ таъсир расонидааст, ки ба мактаби номбурда тааллуқ надоранд. Ба ин қатор, П. Нортро дохил кардан мумкин аст [1, с. 115]. Бо интишор ёфтани ақидаҳои ба ин мактаб хос, унсури ҳаракати таълимоти ҳуқуқӣ дар доираи сарбаста пайдо шудааст. То андозае «мактаби Йел» афкори ҳуқуқиро ба мавқее баргардонидааст, ки он то давраи глоссаторон ишғол менамуд. Муҳим он аст, муқаррароти таълимоти мактаби мазкур равиши анархистиро нисбат ба яке аз категорияҳои муҳимтарини муносибат, ки имрӯз дар арсаи байналмилалӣ ташккул меёбад, асоснок мекунад. Он муносибатҳои байни низомҳои ҳуқуқҳои миллӣ, мебошад.

Мо ҷонибдори ақидаи А.А. Рубанов ҳастем, ки кушишҳои ҳуқуқи хориҷиро чун «пешгӯӣ» маънидод намудани «мактаби Йел», аз лиҳози назариявӣ беасосанд, зеро ягон

низоми ҳуқуқи миллии мавҷуда танзимкунандаи умумиҷаҳонии ҳамаи муносибатҳои иҷтимоие, ки дар ҷаҳон ташаккул меёбад, буда наметавонад [7, с. 130].

Байни ин низомҳо робитаи мутақобилаи байналмилалӣ ба амал меояд. Ин робита дар он ифода мегардад, ки меъёри ҳуқуқии як кишвар дар қаламрави кишвари дигар эътибори юридикӣ пайдо менамояд. Асосҳои назариявӣ мавҷуд мебошанд, ки тибқи онҳо як низоми ҳуқуқии миллӣ ба меъёри ҳуқуқии ба низоми ҳуқуқии кишвари дигар дохилшаванда эътиботи юридикиро медиҳад.

Дар тӯли инкишофи қариб ҳашсадсолаи афкори ҳуқуқӣ масъалаи асосӣ он аст, ки бо кадом сабабҳои назариявӣ низоми ҳуқуқи миллӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ эътибори юридикӣ мебахшад. Агар мавҷудияти низоми ҳуқуқии миллӣ танҳо вақтҳои охир мавзӯи баҳсҳои илмӣ гардида бошад, пас дар атрофи масъалаи сабаби эътибори юридикӣ додан ба меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ баҳсу мунозира мерафт ва рафта истодааст. Умуман ҳамаи кӯшишҳои ҳалли ин муаммо дар доираи чор самти асосӣ сурат гирифтааст.

1. Нахустин ғояи ба миён гузоштаи афкори ҳуқуқшиносӣ дар ҷараёни ҷустуҷӯи ҷавоб ба саволи чаро ба меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ эътибори ҳуқуқӣ бахшида мешавад, дар он зоҳир меёбад, ки асоси ҳуқуқии он ба предмети олами моддӣ вобаста кардани меъёри ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Чунин вобастакунӣ чун сифати ба ҳуқуқ хос ва дар ин замина чун қонунияти умумӣ, ки ба ҳамаи низоми ҳуқуқии миллӣ хос аст, баррасӣ мешавад. Ба суоли дар боло матраҳ гардида чунин ҷавоб дода мешавад. Ҳуқуқи кишвари дилхоҳ бояд ба меъёри ҳуқуқи хориҷӣ вобаста ба он, ки ба кадом предмети олами моддӣ ин меъёрҳо вобаста шудаанд, эътибори юридикӣ бахшад (ё набахшад). Асосан сухан дар бораи инсон ва шайъ меравад.

Азбаски инсон қобилияти ҷисман ҷой иваз кардан аз як мамлакат ба мамлакати дигарро дорад, меъёрҳои ҳуқуқии ба ӯ вобаста низ якҷоя бо инсон ҷой иваз мекунанд. Пас, меъёрҳои ҳуқуқӣ бояд дар мамлакати дигар эътибор касб намояд. Меъёри ҳуқуқи ба предмети олами моддӣ вобаста гардида бошад чунин сифатро надорад, зеро худи предмет усулан аз як мамлакат ба мамлакати дигар интиқол намешавад. Чунин меъёрҳо дар ҳудуди кишвари дигар эътибори юридикӣ пайдо карда наметавонанд.

Назарияи «вобастагӣ» тақдири мураккаб ва тақрибан таърихи шашасра дорад. Аз лаҳзаи ба вуҷуд омадан ва дар тӯли чорсад соли аввал, ин назарияи на фақат ҳукмфармо, балки назарияи ягона низ эътироф мегардид. Лекин дар асри XIX он на танҳо таназзул ёфт, балки пурра аз байн рафт. Дар асри XX эҳёи он мушоҳида гардида, авҷи ин раванд ба нимаи аввали аср рост омад. Ба ҳар ҳол назарияи мазкур таваҷҷӯҳи вижаро сазовор аст, зеро масъалагузории хоси он ба тамоми таълимоти ҳуқуқӣ таъсир гузоштааст.

Хулоса, таълимоти мавриди баррасӣ бар он асос меёбад, ки ба ҳуқуқ моҳиятан вобаста гардидан ба предмети олами моддӣ хос мебошад. Доир ба моҳияти чунин вобастагардӣ ақидаҳои гуногун баён шудаанд. Дар асрҳои XIII – XVIII чунин меҳисобиданд, ки меъёри ҳуқуқ ба предмети олами моддӣ мустакиман вобаста гардонида шудааст. Дар асри XX ақидаи вобастагардии ғайримустақим ё бавосита ба миён омад, ки тибқи он меъёри ҳуқуқ ба маҷмӯи предметҳои якҷинса вобаста мешаванд, предмети инфиродӣ бошад бо ин маҷмӯъ алоқаи ногусастанӣ дорад.

Ғояи вобастагардии бевосита бар он асос меёбад, ки меъёри ҳуқуқро ба предмет омилҳои табиатан ҳуқуқӣ вобаста мегардонанд. Доир ба табиати онҳо се нуқтаи назар баён шуда буд. Тибқи назари аввал, ки «назарияи таъсиррасонӣ» ном дорад, вобастагӣ натиҷаи амали меъёри ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Ҳар як меъёр ба предмети таъсир расонида, ба вай вобаста мегардад. Тибқи назари дуюм - «назарияи офариниш», баъзе предметҳо меъёри ҳуқуқро меофаранд, ки дар навбати худ вобасташавиро ба миён меоварад. Тибқи назари сеюм (назарияи вербалӣ) вобастагардӣ тавассути калимаҳои ифодакунандаи меъёри ҳуқуқ ба вуҷуд меояд. Агар дар матн сухан дар бораи предмети муайян равад, пас меъёри ҳуқуқ ба он вобаста карда мешавад.

Контруксияи вобасташавии бавосита ё ғайримустаким ба он асос меёбад, ки робитаи байни меъёр ва предмет омилҳоеро ба вуҷуд меорад, ки берун аз ҳудуди ҳуқуқ қарор доранд.

Асосгузори самти мавриди баррасӣ олим Бартол (1314-1357) ва дигар постглоссаторон ба шумор мераванд. Бартол аксаран ҷонибдори мавқеи «назарияи таъсиррасонӣ» буд ва аҳёнан ба «назарияи офариниш» муроҷиат мекард. «Назарияи вербалӣ» бошад дар асарҳои олим аз дигар назарияҳои зикргардида ҷудо карда нашудааст.

Вай байни таъсиррасонии меъёри ҳуқуқӣ ба предмет ва инсон фарқ гузоштааст. Зимнан ӯ инсонро чун предмети олами моддӣ баррасӣ мекард, яъне усулан дар як сатҳ бо дигар предметҳо мегузашт. Бартол таъкид мекард, ки меъёри ҳуқуқ ба предмет таъсир мерасонад. Масалан, вай чунин савол гузошта буд: оё қонуни шаҳре, ки гузариши ҳуқуқи моликияти байни зан ва шавҳарро манъ кардааст, ба меъёри ҳуқуқии шаҳри дигар, ки чунин гузаришро иҷозат медиҳад, эътибори ҳуқуқӣ дода метавонад? Ӯ ҷавобашро ба ин савол чунин асоснок кардааст: «Ихтиёрдорӣ ба предмет дар куҷое ба миён наояд, он беэътибор аст, зеро чунин қарор ба предмет таъсир мерасонад ва ба гузариши титул мамониат мекунад» [5, с.32-34].

Ҳангоми арзёбии назарияи вобастагии ба миён гузоштаи постглоссаторон, набояд аз хотир фаромӯш накунем, ки муаллифони он ҳуқуқшиносони асри миёнагӣ бо ҷаҳонбинии ҳамонвақта буданд. Худи ғояи вобастакунии меъёрҳои ҳуқуқӣ ба предмети олами моддӣ ба руҳияи ҳамон давр мувофиқ буд. Дар ҷамъияти феодалӣ инсон ба риштаҳои мухталиф ба замин, ҳоким, ҷамоат, гилдия, дину масҷид ва ғ. вобаста гардида буд. Постглоссаторон вобастагии мазкур вобастагиҳои инсон ва предметро ба меъёри ҳуқуқ низ ҳамроҳ намуданд.

Баробари ин, тавре ки А.А. Рубанов зикр кардааст, онҳо ба хатоии назариявӣ роҳ додаанд. Меъёри ҳуқуқ категорияе нест, ки дар баробари предмети олами моддӣ, хоҳ мол ва хоҳ инсон, қарор гирифта бошад. Меъёрҳои ҳуқуқ ба соҳаи юридикӣ мансуб аст, ба он сифати вобасташавӣ ба предмет хос нест. Аз ҷумла таъсири меъёри ҳуқуқӣ чунин вобастагиро ба миён намеорад. Мусаллам аст, ки амали ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ зоҳир меёбад. Биноан меъёри ҳуқуқ ба муносибатҳои ҷамъиятие, ки моҳиятан фаъолияти иштироккунандагони онро баён мекунанд, таъсир мерасонад [7, с.137-138].

Аз ин рӯ қайд кардан мумкин аст, ки меъёри ҳуқуқ ба фаъолияти инсон вобаста ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад, вале тасдиқ кардан имконнопазир аст, ки меъёрҳои ҳуқуқ ба фаъолияти инсон чун ба предметҳои табиат таъсир мерасонад.

Назарияи вобасташавӣ дар рисолаҳои олимони фаронсавии асрҳои XV – XVI - статутарийҳо инкишоф ёфтааст. Статутарийҳои фаронсавӣ ба назарияи вобасташавӣ хусусияти универсалӣ бахшидаанд. Олимони мазкур аз он бармеомаданд, ки ҳар як меъёри мавҷудаи ҳуқуқ ба ягон предмети олами моддӣ вобаста карда мешавад. Моҳияти чунин вобасташавиро асосан аз мавқеи «назарияи вербалӣ» баррасӣ мекарданд.

Статутарийҳои фаронсавӣ табақабандии сетаркибаи фарогири меъёри ҳуқукро вобаста ба аломатҳои вобасташавии онҳо пешниҳод намудаанд: «шайъӣ», «шахсӣ» ва «омехта». «Статутҳои шайъӣ» - ба шайъ вобаста шуданд. Азбаски шайъ қобилияти тарк кардани ҳудуди маҳал ва ё кишвари алоҳидаро надорад, чунин маҳсуб мегардид, ки «статутҳои шайъӣ» дар қаламрави кишвари дигар эътирофи юридикӣ пайдо карда наметавонад. «Статутҳои шахсӣ» меъёри ҳуқуқии ба инсон вобаста гардида мебошанд. Тибқи ақидаи роиҷи он замон, ба инсон меъёрҳое вобаста карда мешавад, ки дар маҳалли сукунати ӯ мавҷуданд.

Инсон метавонад қаламрави кишварро тарк намояд. Бинобар ин меъёрҳои ба ӯ вобасташуда дар дигар қаламрав низ эътибори юридикӣ дошта метавонанд. Гурӯҳи «статутҳои омехта» меъёрҳои ҳуқуқиеро дар бар мегирад, ки онҳо мумкин ҳам ба предмет ва ҳам ба инсон вобаста гарданд.

Дар натиҷаи чунин масъалагузорӣ дар тӯли асрҳо муаммои муайян кардани маҳз ба кадом предмети мушаххаси олами моддӣ вобаста шудани ин ё он меъёри ҳуқуқ ба

масъалаи асосии илмӣ табдил ёфт. Аксарияти статутҳоро «шайъӣ» эълон кардан тамоюли умумии мактаби мазкур ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд баъзе муаллифон чунин мепиндоштанд, ки доираи нисбатан васеи «статутҳои омехта» хусусияти шахсӣ доранд. Чунин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки аксарияти меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки низоми ҳуқуқии он замонро ташкил мекарданд, барои дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ эътибори юридикӣ надоштанд.

Дар асри XVII, вақте ки муносибатҳои байналмилалӣ бинобар ҷангҳои 30-сола ба марҳилаи буҳронӣ ворид гардиданд, статутарийҳои фаронсавӣ шиори ифротгароёна ба миён гузоштанд, ки моҳияти он даст кашидан аз муносибатҳои мутақобилаи байналмилалӣ буд.

Дар интиҳои асри XVIII – оғози асри XIX назарияи вобасташавӣ ба шикаст дучор шуд, зеро инқилоби буржуазии Фаронса аксарияти меъёрҳоро, ки статутарийҳои фаронсавӣ ба таснифи онҳо машғул буданд, ба боди фано дод. Ин ҳолат худи ғояи вобастакунии меъёрҳои ҳуқукро ба одамон ва ашё беэътибор сохт.

Дар асри XX ин назария боз тарафдорони хешро пайдо намуд, зеро муносибатҳои байналмилалӣ мукарраран ба давраи бӯҳронӣ дохил шуданд. Дар ин шароит дар доктрина кӯшиши истифодаи ғояи кӯҳнаи вобастакунии меъёрҳои ҳуқуқӣ барои аз лиҳози назария мудаллалсозии яке аз шаклҳои муносибатҳои байналмилалӣ байни низомҳои ҳуқуқии миллӣ зуҳур кард. Вале ин ақида пойдевори ноустувор буд ва чи тавре ки таърих собит сохт, аз он мумкин аст хулосаҳое бароянд, ки ба инкори муносибатҳои мутақобилаи байналмилалӣ нигаронида шудаанд.

Баъди ҷанги якуми ҷаҳонӣ олим Э. Франкенштейн ҷонибдори намоёни ин назария ба шумор мерафт. Вобасташавии меъёрҳои ҳуқукро ба предметҳои олами моддӣ асоси назариявии муносибатҳои байналмилалӣ ҳисобида, вай мисли постглоссаторон, меъёрҳои ҳуқукро ба инсон ва ё ба амвол вобаста мегардонад.

Вобаста кардани меъёрҳои ҳуқукро ба инсон вай ғайримустақим мепиндорад. Э. Франкенштейт менависад: «Инсони алоҳида ба гурӯҳи худ мансуб мебошад, ки дарозои таҳаввулоти тӯлонӣ эътиқодоти ҳуқуқии хешро инкишоф додааст. Хулоса карда мешавад, ҳамаи дигар низомҳои ҳуқуқӣ бояд эътибори юридикиро ба ҳамин низоми ҳуқуқӣ диҳанд. Э. Франкенштейт ҳатто тасдиқ мекунад, ки нисбати инсон татбиқ гардидани меъёри ҳуқуқии хоси гурӯҳи ғайр, - на ҳуқуқ, балки зӯроварӣ аст» [1, с.155].

Вобастакунии меъёрҳои ҳуқукро ба ашё олим дар рӯҳияи «назарияи таъсиррасонӣ» шарҳ медиҳад. Фарқ танҳо дар он аст, ки ӯ ашёро на ба меъёри ҳуқуқии алоҳида, балки умуман ба низоми ҳуқуқӣ вобаста мекунад.

Дар алабиёти муосир ақида оид ба вобастакунӣ дар миқёси нисбатан маҳдуд истифода шуда, он нақши танҳо яке аз далелҳои назариявиро иҷро мекунад. Г.Кегел бар хилофи Э. Франкейнштейн чунин мепиндорад, ки муносибатҳои мутақобилаи байналмилалӣ на як, балки якчанд асосҳои назариявӣ дорад ва зимнан асосҳои мазкур гуногунҷинсанд. Ӯ иддао мекунад, ки муносибати мутақобила ба «манфиати муомилот», «манфиати тартиботи ҳуқуқӣ», «манфиати ҳокимият» такя менамояд.

Байни онҳо «манфиати тарафҳо» дар мадди аввал гузошта мешавад. Ин «манфиатҳо» вобастагии меъёрҳои ҳуқукро ба инсон маҳфуз медоранд.

«Ҳуқуқ – менависад Г. Кегел, - ба ҳаёт аз берун ворид карда намешавад. Вай бо ҳаёт дар алоқамандии мутақобила қарор дорад: дар ҷомеа аз рӯи қоидаҳои он зиндагӣ мекунанд». Вобастагии меъёрҳои ҳуқуқ нисбат ба инсон, ки ба ин тариқ ба миён меояд то андозае боиси вобастагии онҳо ба ашё низ мегардад [2, с.12].

Г.Кегел принсиперо тасвия кардааст, ки «… тибқи он ашёи шахсӣ бояд .. аз рӯи ҳуқуқе муҳокима гарданд, ки ба шахс наздиктар аст» [2, с. 12].

Дар рафти арзёбии ҷараёни мазкур қайд намудан лозим аст, ки тарафи мусбати он кӯшиши ҳал

кардани масъалаи асосҳои назариявии муносибатҳои мутақобилаи байналмилалии низоми ҳуқуқии миллии кишварҳо дар доираи ҳуқуқи «дохилидавлатӣ» ба ҳисоб меравад.

Ҷонибдории ин ҷараён ҳуқуқи миллиро хусусиятҳои назариявии умумӣ мешуморанд ва онро мавриди таҳлил қарор дода мекӯшанд, ки хулосаҳояшонро бо ҳамин нукта мудаллал созанд.

Камбудии умдаи ин ҷараён, нигоҳи ғалат ба моҳияти ҳуқуқ ба ҳисоб меравад, зеро ҳуқуқ хориқаи табиӣ нест. Ба сифати категорияи ҷамъиятӣ ҳуқуқ бо падидаҳои дигари дилхоҳи иҷтимоӣ дар як қатор қарор гирифта наметавонад. Табиатан ҳуқуқ унсури юридикӣ аст ва меъёрҳои ҳуқуқии онро таркибдиҳанда наметавонанд на бевосита ва на бавосита ба предмети олами моддӣ вобаста карда шаванд.

**_Пайнавишт:_**

1. *Брун М.И. Международное частное право. Золотой фонд российской науки международного права. Т.2. –Москва: Меж.отн., 2009. – 464 с.*
2. *Галимуллина С.К. Применение иностранного права в международном частном праве: теория, законодательство и судебная практика Российской Федерации: автореферат дисс. конд.юрид наук / С.А. Галимуллина.- Казань, 2006. – 229 с.*
3. *Гаспаревич И.Ю. Историческое развитие коллизионного права //Проблемы управления. – Минск, 2008. №4. – С.117 - 127.*
4. *Йельская школа права (англ. Yale Law School) — факултети ҳуқуқшиносии университети Йел, ки дар Нью-Хейвен, иёлоти Коннектикути ИМА қарор дорад. Соли таъсисёбӣ 1824 мебошад. /Манбаиинтернетӣ.https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%99%D0%B5%D0%BB%D1%8C%D1%81D0%BA%D0%B0%D1%8F_%D1%88%D0%BA%D0%BE%D0%BB%D0%B0_%D0%BF%D1%80%D0%B0%D0%B2%D0%B0.*
5. *Стихина А. И. Установление содержания норм иностранного права в суде: дис. ... канд. юрид.наук. – Санкт-Петербург, 2007. – 218 с.*
6. *Солиев И.М. Применение иностранного права в Республике Таджикистан. – Худжанд: Ношир, 2015. – 171с.*
7. *Рубанов А.А. Теоретические основы международного взаимодействия национальных правовых систем. – Москва: Наука, 1984. – 160 с.*

**_Reference Literature:_**

1. *Broon M.I. International private law. The Gold Fund of the Russian Science Dealing with International Law. V.2.- Moscow: International Relations. 2009. - 464pp.*
2. *Galimullina S.K. Application of International Law in International Private Law: Theory, Legislation and Judicial Practice of Russian Federation. Synopsis of candidate dissertation// S.K.Galimullina. Kazan 2006.-229pp.*
3. *Gasparevich I.Yu. Historic Development of Collisional Law // Problems of Management.- Minsk.2008,№04.- pp. 117-127*
4. *Yale Law School – Law Faculty of Yale University, Validated in New-Haven, Connecticut State, Being Foundated in 1824.// Internet Key https: //ru.wikipedia.org/wiki/*
5. *Stikhina A.I. Establishment of the Contents of Foreign Law Norms in Court. Candidat dissertation in jurisprudence.-Spb.2007.-218pp.*
6. *Soliyev I.M. Application of Foreign Law in Tajikistan Republic. - Khujand: Publisher.2015. - 171pp.*
7. *Rubanov A.A. Theoretical Foundations of International Interaction of National Law Systems.- M.: Science. 1984.-160pp.*